**Тақризи роҳбари илмӣ**

**ба диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда мешавад.**

Рисолаи диссертатсионии Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи "Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)" натиҷаи кори тӯлонӣ буда, тадқиқоти мустақили анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад. Мавзуи рисола ба зарурати такмили самтҳои афзалиятноки истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили калидӣ ва муҳими таҳкими фаъолияти муосири хоҷагидории кишвар бахшида шуда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Махсус қайд кардан зарур аст, ки дар рисола равишҳои назариявӣ-методологӣ оид ба омӯзиши масъалаҳои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа, аз нуқтаи назари татбиқи афзалиятҳои стратегӣ аҳамияти хеле муҳимро пайдо мекунад.

Сарфи назар аз шумораи зиёди корҳои таҳқиқотие, ки ба паҳлӯҳои гуногуни истифодабарии сарватҳои табиӣ бахшида шудаанд, довталаб ҳадафи ҷиддӣ, муосир ва муҳимеро пеш гузоштааст, ки бо такя ба навтарин дастовардҳои илмӣ ва таҳлили амиқи масъала, тавонистааст равшан ва амиқ инъикос ёбад.

Ҳамзамон, яке аз ҷанбаҳои фарққунандаи муҳими кори диссертсионӣ дар он аст, ки масъалаи самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ дар кишвар бо дарназардошти на танҳо тавсеаи иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, балки инчунин зарурати диверсификатсия дар бахшҳо ва соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, дар асоси таҳлилҳои амиқи илмӣ ва асосҳои воқеии амалӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои арзишманди таҳқиқоти диссертатсионӣ гувоҳ бар он медиҳанд, ки унвонҷӯ на танҳо ба мавзуи таҳқиқотӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст, балки дорои сифатҳои баландии шахсӣ ва маҳорати касбӣ мебошад, ки барои анҷом додани чунин таҳқиқоти муҳиму ҳамаҷониба заруранд.

Аз рӯи маводи таҳқиқоти диссертатсия аз ҷониби муаллиф нуктаҳои асосӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Рисоли диссертатсионӣ таҳқиқоти амиқ ва густурдаи илмӣ ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмӣ-методӣ анҷом дода шудааст. Дуруст ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида аз арзиши амалии мавод гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Зуҳуров Бахтиёр Искандарович дар мавзуи Истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Содиқов М.С.

Имзои Содиқов М.С.-ро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

23.04.2025с.